# ҚАРОРИ

## ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА–030 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 25 декабри соли 2020 ш. Душанбе

Баъд аз шунидану муҳокима намудани диссертатсияи Ашурзода Ҷамшеди Хуршед дар мавзӯи «Ифротгароии динию сиёсӣ ва хусусиятҳои муҳимми он дар раванди дигаргуншавии ҷомеа (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ (роҳбари илмӣ: доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Нуриддинов Р.Ш.), инчунин баъди шунидани тақризи муассисаи тақриздиҳанда – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: доктори илмҳои фалсафа Ҳайдаров Рустам Ҷурабоевич ва номзади илмҳои сиёсӣ Саидзода Шухрат Шукур, баромади муқарризони ғайрирасмӣ д.и.ф, Муъминов А., д.и.ф. Ҷононов С. ва ди.т., Латифов Ҷ. Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА–030 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи қабулкардаи Шӯро оид ба диссертатсияи Ашурзода Ҷамшеди Хуршед дар бораи асоснок будан, навгонӣ доштан, муҳиммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин оид ба натиҷаи корҳои илмии чопшуда,

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Ашурзода Ҷамшеди Хуршед дар мавзӯи «Ифротгароии динию сиёсӣ ва хусусиятҳои муҳимми он дар раванди дигаргуншавии ҷомеа (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ ба талаботи пешниҳоднамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ мувофиқи бандҳои 10-16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, мувофиқ дониста шавад.
2. Корҳои илмии чопнамудаи унвонҷӯ, ки натиҷаи асосии диссертатсия дар онҳо инъикос гардидааст, мувофиқ дониста шавад.
3. Ба Ашурзода Ҷамшеди Хуршед дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ сазовор дониста шавад.
4. Барои додани дипломи номзади илмҳои сиёсӣ ба Ашурзода Ҷамшеди Хуршед аз КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳишмандам нафароне, ки ба ин қарори Шӯрои диссертатсионӣ тарафдоранд мавқеи худро муайян намоянд. Муқобил - нест. Бетараф - нест. Якдилона қабул шуд.

Иҷозат фармоед унвонҷӯро барои бомуваффақият ҳимоя карданаш табрик намоям ва ҳамзамон ба аъзои Шӯрои диссертатсионӣ барои фаъолияти самаранокашон миннатдорӣ баён намоям. Бо ҳамин ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ пушида эълон карда мешавад.

Муовини раиси
Шӯрои диссертатсионӣ,
д.и.т., профессор /____________/ Латифов Ҷура Латифович

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ,
н.и.т., дотсент /____________/ Шарипов Амриддин Нуридинович

имзои подпись Латифов Ҷ. Л., Шарипов А. Н.
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавқиев Э. Ш. ____________ (имзо-подпись)

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ